# 21388 - Бараҳна хобидан

**савол**

Оё дар мавриди бе либос хобидан наҳй вуҷуд дорад, ҳатто агар бо ҳамсари худ бошад?

Мулоҳиза: Ман ҳангоми ҷимоъро дар назар надорам. Хоби харрӯзаро дар назар дорам. Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Пӯшидани аврат дар ҳама ҳолатҳо воҷиб мебошад, магар дар ҳолати зарурат, ба монанди ғусл кардан, ё ҷимоъ, ё қазои ҳоҷат ва ғайра. Аммо бе зарурат, (дар ин ҳангом) пӯшидани аврат воҷиб аст.

Зеро Баҳз ибни Ҳаким аз падараш, аз падаркалонаш ривоят кардааст, ки ӯ гуфт:

Эй расулуллоҳ! Аз авратҳоямон чӣ чизеро пӯшонем ва чӣ чизеро намоён кунем? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Аврати худро ғайр аз ҳамсару канизат аз ҳама бипӯш". Гуфт: Агар мард бо мард бошад чӣ? Фармуд: "Агар тавонистӣ, ки ҳеҷ кас онро набинад, пас бикун". Гуфт: Агар яке аз мо танҳо бошад чӣ? Фармуд: "Аллоҳ сазовартар аст, ки аз Ӯ бештар ҳаё карда шавад".   Ривояти Тирмизӣ (2769) ва дигарон.

Бино бар ҳадиси гузашта бароят ҷоиз нест, ки бе либосе, ки аврататро мепӯшонад, бихобӣ. Хоҳ ҳамроҳи ҳамсарат хобида бошӣ, ё бе ӯ хобида бошӣ.

Фақат дар ҳолати зарурат кушодани аврат ҷоиз аст.

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло донотар аст.